Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Омӯзиши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи пайдоиш, моҳият ва нақши ҷашнҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ ба афзоиши ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги умумӣ мусоидат менамояд. Ин амал ба таъмини ворисияти наслҳо ва ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ равона шудааст. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наврасону ҷавонон нақши хоса дорад.

Унвонҷӯ Сайдамадзода Ҳусноро дар кори таҳқиқотии худ ба масъалаи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон таваҷҷуҳ намуда, ба баланд бардории ҳисси ватадӯстии наврасону ҷавонон пажӯҳиш намудааст. Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки асоси таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагон муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор

гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, 4 фасл, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ замимаҳо ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Ҳадафмандии ҷашну маросими халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» аз ду фасл иборат мебошад. Дар он масъалаҳои таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ва таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони “Зарурати мутобиқсозии ҷашну маросими халқи тоҷик дар низоми тарбия ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11” ба масъалаҳои хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон ва озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии масоили ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 бори аввал аз нуктаи назари педагогӣ, таърихӣ ва адабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас имконият фароҳам меорад, ки худогоҳию худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад ва наврасон чун шахсияти комил ва ворисони сазовори кишвар ба камол расанд.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» ба талаботи Низомномаи КОА-

и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Шарифов Муҳсин Ғаффорович

Маълумот барои тамос: 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: 003333880 Email: sharifov63@inbox.ru

Имзои Шарифов Муҳсин Ғаффоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.